**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «02» 12 соли 2024** **№ 447/иф** **ш. Душанбе**

*Дар бораи қатъ намудани фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 15 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), сархати 1 банди 121 ва банди 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 2, 3, 6 ва 7 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267), банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) дар мавриди қабул ва баррасии парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои Каримов Қадриддин Облобердиевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа); Зайналов Қурбон Мирзоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, ҳамчунин бартараф накардани камбудиву норасоиҳо, фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.KOA-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қатъ карда шавад.

2. Диссертатсияҳое, ки то имзо шудани фармоиши мазкур аз тарафи шурои диссертатсионӣ ба баррасӣ қабул шудаанд, пас аз омӯзиш ҳимояи онҳо тибқи дастури хаттии Комиссия ба роҳ монда шаванд.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Вализода Х.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: карори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2024, №12.

Раис Давлатзода С. Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОВАР АСТ